Маълумотномаи
асосноккунии зарурати таҳияи лоиҳаи қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби хизматрасонӣ ва истифодабарии алоқаи моҳворавӣ»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби хизматрасонӣ ва истифодабарии алоқаи моҳворавӣ» мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» таҳия гардидааст.

Мушкилоти асосӣ дар соҳаи алоқаи моҳворавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани механизми ягона, шаффоф ва муосири ҳуқуқӣ барои танзими фаъолияти операторони моҳворавӣ мебошад. Аз сабаби мураккаб ва ношаффоф будани тартиби гирифтани иҷозатнома ва басомадҳо, ширкатҳои нав наметавонанд ба бозор ворид шаванд. Ин боиси набудани рақобат, паст будани сифати хизматрасонӣ ва гарон мондани нархи интернет ва алоқаи моҳворавӣ дар кишвар мегардад.

Муштариён ва соҳибкорон (махсусан дар минтақаҳои кӯҳиву дурдаст, ки алоқаи мобилӣ на онқадар рушд кардааст) таҷҳизоти моҳворавиро (масалан, терминалҳои шабакаҳои хориҷӣ) ворид ва бе бақайдгирии давлатӣ истифода мебаранд.

Трафики ин таҷҳизоти ғайриқонунӣ мустақиман ба моҳвораҳои хориҷӣ рафта, аз назорати қонунии мақомоти амниятии кишвар берун мемонад. Ин заминаро барои интиқоли маълумоти махфӣ ва истифодаи алоқа аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноӣ созгор мекунад.

Агар давлат санади меъёрии ҳуқуқии заруриро қабул накунад ва вазъиятро бетағйир гузорад, оқибатҳои манфии зерин ба амал меоянд:

- давлат қобилияти назорати трафики интернетиро дар қисми зиёди ҳудуди худ (айни замон дар нуқтаҳои дурдасти кӯҳӣ) аз даст медиҳад;

- шабакаҳои моҳворавии ғайриқонунӣ метавонанд ҳамчун воситаи убури инфрасохтори давлатӣ ва низомӣ истифода шаванд;

- давлат миллионҳо сомонӣ маблағро аз ҳисоби боҷҳои иҷозатномадиҳӣ, пардохти солонаи басомадҳо ва андозҳои операторон аз даст медиҳад;

- ширкатҳои бузурги моҳворавии ҷаҳонӣ аз сабаби набудани заминаи ҳуқуқии устувор ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ намекунанд;

- насби худсаронаи антеннаҳои моҳворавӣ бе экспертизаи электромагнитӣ боиси халалрасонии техникӣ ба алоқаи радиотелефонӣ, алоқаи ҳарбӣ ва пайвастшавии авиатсияи шаҳрвандӣ мегардад.

Дар ин шароит, рушд ва танзими алоқаи моҳворавӣ яке аз роҳҳои муассири бартараф намудани нобаробарии рақамӣ ва таъмини аҳолӣ, мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ бо алоқаи устувор ва интернети баландсуръат ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии лоиҳа муайян намудани механизмҳои ягонаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникии хизматрасонӣ ва истифодабарии алоқаи моҳворавӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои калидии санади мазкур аз инҳо иборатанд:

- ба танзим даровардани муносибатҳои байни операторони алоқаи моҳворавӣ, провайдерон ва истифодабарандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ);

- муқаррар намудани талаботи ягонаи техникӣ, сертификатсия ва бақайдгирии терминалҳо ва истгоҳҳои заминии алоқаи моҳворавӣ (аз ҷумла технологияҳои VSAT);

- таъмини бехатарии фазои иттилоотӣ ва мутобиқати электромагнитии воситаҳои радиоэлектронӣ;

- ҷорӣ намудани низоми мониторинг, арзёбии инкишоф ва пешниҳоди ҳисоботи даврӣ оид ба сифат ва фарогирии хизматрасонии алоқаи моҳворавӣ.

То имрӯз дар қонунгузории амалкунанда меъёрҳои умумии танзими алоқаи баркӣ вуҷуд доштанд, аммо тартиби мушаххасе, ки хусусиятҳои хоси хизматрасонии алоқаи моҳворавии муосир (аз ҷумла моҳвораҳои мадори паст ва геостатсионарӣ) ва тарзи арзёбии даврии онро пурра фаро гирад, тасдиқ нашуда буд.

Қабули Тартиби мазкур шаффофияти фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро таъмин намуда, барои ҷалби сармоягузорӣ ва ворид намудани технологияҳои нави телекоммуникатсионӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Қабули санади мазкур имкон медиҳад, ки:

- сифат ва эътимоднокии хизматрасонии алоқаи моҳворавӣ дар саросари кишвар, бахусус дар минтақаҳои дурдаст, баланд бардошта шавад;

- ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи моҳворавӣ ҳифз гарданд;

- назорати давлатии истифодаи басомадҳои радиоӣ ва таҷҳизоти моҳворавӣ тақвият ёбад;

- заминаи дақиқи оморӣ барои таҳлили рушди соҳа тавассути нишондиҳандаҳои арзёбӣ ташаккул ёбад.

Тартиби мазкур, масъалаҳо вобаста ба пешниҳоди хизматрасонии моҳворавӣ, таъмини сифати устувор ва дастрасии баробар ба хизматрасонии моҳворавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои моҳворавӣ, баланд бардоштани масъулияти провайдерони хизматрасониҳои моҳворавӣ, фароҳам овардани муҳити рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои моҳворавиро мавриди танзим қарор медиҳад.

Лоиҳаи пешниҳодшаванда мутобиқи «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, ҷиҳати пешгирӣ, бартарафсозӣ ва роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи пешниҳодгардида аз ҷониби Хадамот анҷом дода, дар он мухолифати меъёрҳо ба дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои эҷодкунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ ошкор нагардидаанд.

Лоиҳаи мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои махсуси Хадамоти алоқа, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо дар назар доштани асосҳои зикргардида, лоиҳаи мазкур барои баррасӣ манзур карда мешавад.

Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон